ВАРАҚАИ ИТТИЛООТИИ №44
КОТИБОТИ ШӮРОИ МАШВАРАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ

# НАШРИ МАХСУС

## МАВЗӮИ АСОСӢ:

## МИЗИ МУДАВВАР ОИД БА МУАРРИФИИ НАҚШАИ ЧОРАБИНИҲОИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОДИ БА БЕҲТАР НАМУДАНИ ФАЗОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР БАХШИ ТУРИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



26 июни соли 2014, дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар оид ба муаррифии Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Бояд қайд кард, ки Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар доираи фаъолияти Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 3 майи 2014 таҳти № 301 тасдиқ карда шудааст.

Дар кори мизи мудаввар намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ, роҳбарон ва намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, роҳбарони созмонҳои соҳибкорӣ, ассосиатсияҳо ва роҳбарони зиёда аз 60 ширкатҳои туристӣ, инчунин намояндагони макотиби олӣ иштирок намуданд.

Мизи мудавварро Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратӣ Нуъмон Абдуҷаборов ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо Рӯзи Ваҳдати миллӣ табрик кард ва ба халқи шарифи Тоҷикистон осмони софу рӯзгори осуда орзу намуд.




Сипас, дар мизи мудаввар суханони ифтитоҳии муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Н. Абдуллоева ва муовини Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Р. Шодиков шунида шуданд.

Ҷиҳати муаррифии Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ - Нуъмон Абдуҷаборов баромад намуда, оид ба таъсис, ҷанбаҳо ва натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм, аз ҷумла таҳияи ҳуҷҷати таҳлилии Модели рушди бахши туризм дар Тоҷикистон ва Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии он дар ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратӣ сухан кард.




Нақшаи чорабиниҳои мазкур як қатор тадбирҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамӯҳлати Ҳукумати Тоҷикистонро вобаста ба беҳтаргардонии фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахши туризм, аз ҷумла хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, раводид ва бақайдгирии туристон, иҷозат ва иҷозатномадиҳӣ барои ширкатҳои туристиву туристон ва омори бахши туризмро дар бар мегирад.

Зикр гардид, ки алакай татбиқи Нақшаи чорабиниҳо оғоз гардида, як қатор корҳои муҳим анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла, ҷиҳати ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани сатҳи хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳои байналмилалии Тоҷикистон, аз ҷумла Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе аз ҷониби роҳбарияти фурудгоҳ Нақшаи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани дараҷаи хизматрасонӣ ба мусофирон, таҳия ва қабули Одобномаи кормандони фурудгоҳ, азнавсозӣ ва модернизатсияи техникаҳои хизматрасонии фурудгоҳ, омода намудани иттилоот барои бақайдгирии мусофирон бо се забон, бору бағоҷ, амният, ҳуқуқ ва стандартҳои фурудгоҳ ва овехтани аломатҳои ишоратӣ қабул гардида, корҳо дар ин самт идома доранд. Барои ҷойгир намудани иттилоот оид ба маҳсулоти ширкатҳои туристӣ ва минтақаҳои туризми Тоҷикистон бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ шароит муҳайё карда шудааст.



Аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ Нақшаи чорабиниҳои алоҳида таҳия ва тасдиқ карда шудааст. Нақшаи чорабиниҳои мазкур як қатор тадбирҳо, аз ҷумла азнавтаҷҳизонидани минтақаҳои назорати гумрукии фурудгоҳҳои байналмилалӣ, баҳогузории сатҳи тахассуснокии кормандони фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва тариқи озмун ба кор қабул намудани онҳо, баланд бардоштани савияи забондонии онҳо, таҳия ва мавриди амал қарор додани санади дахлдор оид ба муносибати эҳтиромонаи кормандони мақомоти гумрук нисбат ба мусофирон ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ташкили курсҳои махсуси такмили ихтисос ва дигар чорабиниҳоро дарбар мегирад.



Аз ҷониби Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ азнавсозии шабакаи дохилии компютерии

мақомоти назорати сарҳадии Қӯшунҳои сарҳадӣ дар Фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе гузаронида шуда, дар самти кашидани хати нурӣ-нахӣ ва тайёрӣ ба насби шабакаи компютерии бесим корҳо ба роҳ монда шудаанд.

Дар самти таъмини мақомоти назорати сарҳадӣ бо кадрҳои соҳибихтисос як қатор чорабиниҳои мушаххас амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла комиссияи босалоҳияти аттестатсионӣ таъсис дода шуда, аз моҳи майи 2012 то моҳи августи соли 2013 аттестатсияи кормандони мақомоти назорати сарҳадӣ, ки дар қисмҳои Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадӣ адои хизмат менамуданд, гузаронида шуд.




Инчунин аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ равзанаи алоҳида барои хизматрасонии ширкатҳои туристӣ дар Раёсати консулии Вазорат таъсис ёфта, фаъолият намуда истодааст, ки кори ширкатҳои туристиро хеле осон ва самаранок намудааст.

Аз ҷониби бахши хусусӣ дар мизи мудаввар роҳбари ҶДММ ширкати сайёҳии «Кафолат» - Музаффар Саймуддинов вобаста ба саҳми бахши хусусӣ дар татбиқи нақшаи чорабиниҳо баромад намуда, қаноатмандии бахши хусусиро аз таъсиси равзанаи алоҳида барои хизматрасонии ширкатҳои туристӣ дар Раёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ ва омодагии онро дар татбиқи ислоҳоти бахши туризм изҳор намуд.




Вобаста ба нақши шарикони рушд дар таҳия ва татбиқи нақшаи чорабиниҳо Роҳбари Барномаи маблағгузории рушди бахши хусусии Агентии Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷаноби Рейнхард Войтек баромад намуд.

Баъд аз ин ба ҳозирин филм оид ба расму оинҳои миллӣ, ҳунармандӣ, захираҳои табиӣ ва имкониятҳои рушди туризм дар Тоҷикистон намоиш дода шуд. Таваҷҷӯҳи асосӣ ба рушди

ҳунармандӣ, туризми экологӣ ва кӯҳнавардӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки рушди туризм дар мамлакат равона карда шуд.

Бояд қайд кард, ки дар чараёни мизи мудаввар байни иштирокчиён баҳсу мунозираҳо сурат гирифта, ҷиҳати татбиқи самараноки нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фикру пешниҳодоти муфид манзур шуданд. Пешниҳод карда шуд, ки дар сохтмони иншооти туристӣ бояд ҷанбаҳои меъмории шарқиёна ба инобат гирифта шуда, ҳангоми расонидани хизмат ба туристон муносибати самимона, содиқонаю тоҷикона зоҳир карда шавад. Иштирокчиён аз ҷумла намояндагони ширкатҳои туристӣ ба саволҳои худ посуххои дақиқ гирифтанд.

Қабл аз интиҳои мизи мудаввар суханони хотимавии Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ – Нуъмон Абдуҷаборов, муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Н. Абдуллоева ва муовини Раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Р. Шодиков шунида шудаанд.

Дар суханронии худ онҳо намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, шарикони рушд ва бахши хусусиро барои татбиқи самаранок ва саривақтии нақшаи чорабиниҳо баҳри рушди соҳаи туризм ва боз ҳам беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар мамлакат даъват кардаанд. Аз ҷумла дар суханронии хотимавии худ Р. Шодиков ғолибони озмуни намоишномаи беҳтарини телевизионӣ оид ба туризм дар Тоҷикистонро эълон намуда, онҳо бо ифтихорнома ва тӯҳфаҳо қадрдонӣ гардиданд.

**Маълумот дар бораи вазъи туризм**

Қайд кардан зарур аст, ки бахши туризм яке аз соҳаҳои асосии таъминкунандаи рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. Дар даҳсолаи охир туризм дар ҷаҳон бо вуҷуди бӯҳронҳои иқтисодиву молиявӣ, таҳаввулоти сиёсӣ ва тағйироти иҷтимоӣ бо суръати устувор рушд карда истодааст.

Тибқи омори ҷаҳонӣ, соли 2011 ҳиссаи бахши туризм дар иқтисоди глобалӣ 6,5 триллион доллари амрикоӣ ё 9,1 фоизи маҷмӯи маҳсулоти ҷаҳониро ташкил додааст ва даромади бахши туристӣ дар муддати 10 сол ба андозаи 116 фоиз афзудааст.

Шумораи туристон дар ҷаҳон аз 698 миллион нафар дар соли 2000-ум то ба 1 миллиарду 35 миллион нафар дар соли 2012 афзоиш ёфтааст.



Аз тарафи дигар рушди бахши туристӣ барои ташкили ҷойҳои кории нав, рушди истеҳсолот ва зиёдшавии воридоти асъори хориҷӣ мусоидат мекунад, зеро рушди бахши туристӣ имконияти хуби фаъолияти соҳибкорӣ барои ҳар як шахси ташаббускор мебошад.

Ғайр аз ин, рушди бахши туристӣ ба соҳаҳои дигари алоқаманд низ манфиати зиёд меорад. Тибқи таҳлилҳои мутахассисон ба ҳисоби миёна ҳар як доллари дар бахши туристӣ сарфшуда ба соҳаҳои дигари алоқаманд се доллари иловагӣ фоида оварда, инчунин аз ҳар як доллари дар бахши туристӣ харҷшуда 91 сенти он дар иқтисоди ватанӣ боқӣ мемонад.



Дар Тоҷикистон бо мақсади рушди туризм ва ҷалби васеи туристон ба минтақаҳои туристиву таърихии кишвар аз ҷониби Ҳукумати мамлакат корҳои зиёде анҷом дода шудаанд ва дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ташрифи туристони хориҷӣ ба мамлакат тадриҷан зиёд гардида истодааст.

Вале ин ҳанӯз нокифоя аст. Зеро то ҳол пешниҳоди мавзеъҳои туристӣ аз ҷониби ширкатҳои ватанӣ, аз ҷумла сайругаштҳои туристӣ, боздид аз мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ, табиати зебо ва тарғибу ташвиқи он дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст.



Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба ислоҳоти соҳа идома бахшида, саҳми бахши туризм дар рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба таври назаррас баланд бардошта шавад.

Зеро Тоҷикистон дар ин самт имкониятҳои бузургеро доро мебошад. Аз ҷумла мавҷудияти қуллаҳои азими кӯҳҳои Помир, Роҳи бузурги абрешим, табиати нотакрор ва иқлими мусоид, фарҳангу таърихи қадима, мавзеъҳои нодири тиббиву муолиҷавӣ, кӯҳнавардӣ маданияти баланди меҳмоннавозӣ, таъмини амнияти шахсӣ ва дигар омилҳо барои туристони хориҷӣ ҷолиби диққат аст.



Илова бар ин, Тоҷикистон дар қалби Осиёи Марказӣ ҷойгир буда, метавонад тавассути қаламрави худ барои рафтуомади туристон ба як қатор мамлакатҳои Аврупо, Осиёи Марказиву Ҷанубӣ ва минтақаи Укёнуси Ором мусоидат намояд ва мавқеи худро ҳамчун кишвари транзитӣ барои рушди туризми минтақавӣ устувор намояд.

Масъалаи дигари муҳими соҳа - дар сатҳи баланд таъмин намудани хизматрасонии мусофирон, аз ҷумла туристон дар фурудгоҳҳои мамлакат ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ ба шумор меравад. Дар ин самт то имрӯз аз ҷониби мақомоти марбута корҳои муайян амалӣ карда шудаанд.

Омилҳои дигари муҳиме, ки ба рушди туризм таъсир мерасонанд, ин ба роҳ мондани тартибу қоидаҳои соддаву осони дастрас намудани раводид, иҷозатҳо, бақайдгирии туристон, омор ва иттилооти бахши туристӣ ба шумор мераванд.



Тибқи пешгӯии коршиносон дар сурати татбиқи пурраи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм, саҳми мустақими бахши туристӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар то соли 2020 то ба 5 фоиз ва саҳми ғайримустақими он барои рушди соҳаҳои дигари иқтисодиёт то 15 фоиз расонида мешавад.

***Бо эҳтиром,***

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***

***Нумон Абдуҷаборов - Роҳбари Котибот***
***Дилшод Одинаев - мушовири иқтисодӣ***
***Манучеҳра Мадҷонова - мушовири иқтисодӣ***
***Сафарбӣ Файзова - ёвари маъмурӣ***